# Усули сегонаи эҷоди заминаи сулҳ дар байни миллатҳо аз дидгоҳи Имом Алӣ (р)

Акрамхон Зиёдулло[1]

Чакида

Фалсафаи зиндагии иҷтимоӣ ва фардии дин, бар пояи сулҳу бародарӣ дар ҷомеъа аст ва ба ин далел, дар Қуръон ва калом ва сираи Амиралмӯъминин ҳазрати Алӣ(р) арзиши зиёде ба мафҳуми сулҳ дода шудааст. Дар ҳаёти иҷтимоӣ, Ислом бар ҳамзистии мусолиматомез таъкид мекунад ва ҳатто сабри тӯлонии 25-солаи ҳазрати Алиро низ бояд аз ҳамин зовия нигарист. Дар Қуръон ва фармоишоти Амиралмӯъминин(р) се асл барои эҷоди сулҳ миёни кишварҳо, миллатҳо ва ҷомеаҳои гуногун мушоҳида мешавад, ки хеле сарнавиштсоз ва муҳим аст. Асли риояти ҳуқуқи инсонӣ, асли эҳтиром ба шахсияти дигарон ва асли пазириши ҳаққи ҳаёт барои дигарон, ки ин се асл, калиди амният ва рафоҳ дар ҷомеа аст.

Ислом ҳамаи инсонҳоро ба сӯи сулҳу оштӣ даъват мекунад ва ҳатто аҳли китобро низ, танҳо дар баробари як

[1]: Нависандаи ин мақола, муҳаққиқи маъруф, доктор Муҳаммадяъқуб Башувӣ, аз кишвари Покистон мебошад ва ба хотири аҳамияти мавзӯъ ва зарурати он, ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

калима, ба ваҳдат ва инсиҷому ҳамбастагӣ даъват мекунад. Дар Ислом ҷанг, танҳо дар сурате лозим меояд, ки шукӯҳу шавкати ислом дар дасти душманон аз байн биравад. Ислом қатли як нафарро баробар бо қатли тамоми инсонҳо ва наҷоти як шахсро баробари наҷоти ҳамаи башарият медонад ва аз ин тариқ, арзиши сулҳро бар ҳама ошкор мекунад.

Калидвожаҳо

Имом Алӣ, се асл, усули сегона, заминаи сулҳ, эҳтиром ба ҳуқуқи инсон, эҳтиром ба шахсияти дигарон, пазириши ҳаққи ҳаёт барои дигарон.

## Муқаддима

Яке аз рукнҳои собити Ислом, барои ҳама, бахусус мусалмонон, эҷоди сулҳ аст. Оштии ҳамроҳи зиндагии мусолиматомез бо ҳама аст. Ислом дини сулҳу амният аст, ки зулму тааддиро бар ҳеч миллате ба расмият намешиносад, балки ҳамаи талоши Ислом, эҷоди сулҳу дӯстӣ дар ҷомеа аст.

## Мафҳумшиносӣ

Дар инҷо маънои сулҳ аз ҳайси луғат ва истилоҳ баррасӣ гашта ва ба маънои сулҳ дар Қуръон ва каломи Амиралмӯъминин Алӣ(р) пардохта мешавад.

### Сулҳ дар луғат

Сулҳ вожаи арабист ва исми масдар аз мусолаҳа низ масдари боби муфоила мебошад, ин калима дар луғат ба маънои оштӣ ва созиш омадааст.[1]

### Сулҳ дар истилоҳ

[1] Ҳасани Амид, "Фарҳанги Амид", саҳ. 1628

Сулҳ дар мафҳуми куллӣ ба ду маъно ба кор рафтааст,[1] дар маънои аввал, сулҳ дар муқобили ҷангу ҷидол аст, ки ҷойгоҳи феълии он дар ҳуқуқи байналмилали умумӣ мебошад. Дар мафҳуми дигар, сулҳ ба унвони як ақд дар ҳуқуқи хусусӣ матраҳ мешавад.

Сулҳ дар ҷое маъно пайдо мекунад, ки вазифаи ҷангидан бошад (ҷиҳоди ибтидоӣ дар замони Имом Алӣ(р) ҷиҳоди дифоӣ, қитолҳои аҳли бағй ва саркашон ва ғайра), вале маслиҳати Ислом ва муслимин эҷоб мекунад, ки бо душман қарордоди сулҳ имзо кунанд ва ин дар ҷоест, ки теъдоди мусалмонон кам аст ва наметавонанд дар муқобили душман муқовимат кунанд, ё тарки мухосима мекунанд то касби ниру кунанд ва ё ба ин умед, ки тарафи муқобил дар Ислом ворид шавад ва мусалмон шавад. Аммо агар ин ҷиҳот мадди назар набошад, идома додани сулҳ ҷоиз нест.[2]

## Саволи аслӣ

Саволи аслии ин мақола, усули сегона дар эҷоди заминаи сулҳ дар байни миллатҳо, аз дидгоҳи Имом Алӣ(р) аст.

## Сулҳ дар Қуръон ва каломи Имом Алӣ(р)

Дар Қуръон ва каломи Амиралмӯъминин(р) се асл барои фароҳам овардани замина барои сулҳ, дар байни миллатҳо баён шудааст ва бо истифода аз ин усул, мо шоҳиди сулҳи пойдор дар ҷомеаҳои мухталифи исломӣ ва ғайри исломӣ хоҳем буд ва мурод аз сулҳ дар ин мақола, ҳамон зиндагии мусолиматомез дар канори якдигар аст,

---

Ниг. Муҳаммадҷаъфар Ҷаъфарии Лангрудӣ, "Терминулужии ҳуқуқ", саҳ. 408

"Шароеъ-ул-ислом", Муҳаққиқи Ҳиллӣ, китоби Ҷиҳод, ба нақл аз "Маҷмӯаи осор"-и Шаҳид Мутаҳҳарӣ, ҷ.16, саҳ.628

ки мавриди таъкиди Қуръон ва Аҳли Байт(р) қарор гирифтааст.

Қуръони Карим дар ҷомеа ҳатто бо кофирон, амр ба адолатрафторӣ мекунад:

﴿لا يَنْهَاكم اللَّهُ عَنِ الَّذِينَ لَمْ يُقَتِلُوكُمْ فى الدِّينِ وَ لَمْ يخْرِجُوكم مِّن دِيَرِكُمْ أَن تَبرُّوهُمْ وَ تُقْسِطوا إِلَيهِمْ إِنَّ اللَّهَ يحِب الْمُقْسِطِينَ﴾[1]

«Худо шуморо аз некӣ кардан ва адолат пеша кардан бо ононе, ки бо шумо дар дин наҷангидаанд ва аз сарзаминатон берун нарондаанд, бознамедорад. Худо касонеро, ки ба адолат рафтор мекунанд, дӯст дорад».

Ҳамчунин Қуръони Карим дар бораи аҳли китоб ба таври ошкор мефармояд:

﴿وَ لا تجَدِلُوا أَهْلَ الْكتَبِ إِلا بِالَّتى هِى أَحْسنُ إِلا الَّذِينَ ظلَمُوا مِنْهُمْ وَ قُولُوا ءَامَنَّا بِالَّذِى أُنزِلَ إِلَيْنَا وَ أُنزِلَ إِلَيْكمْ وَ إِلَهُنَا وَ إِلَهُكُمْ وَاحِدٌ وَ نحْنُ لَهُ مُسلِمُونَ﴾.[2]

Бо аҳли китоб, ҷуз ба равише, ки аз ҳама некӯтар аст, муҷодила накунед, магар касоне аз онҳо, ки муртакиби зулму ситам шуданд ва ба онҳо бигӯед, мо ба тамомиончӣ аз сӯи Худо бар мо нозил шуда, имон дорем, маъбуди мо ва шумо якест ва дар баробари ӯ таслим ҳастем.

﴿قُلْ يَأَهْلَ الْكِتَبِ تَعَالَوْا إِلى كلِمَةٍ سوَاءِ بَيْنَنَا وَ بَيْنَكمْ أَلا نَعْبُدَ إِلا اللَّهَ وَ لا نُشرِك بِهِ شيْئاً وَ لا يَتَّخِذَ بَعْضنَا بَعْضاً أَرْبَاباً مِّن دُونِ اللَّهِ فَإِن تَوَلَّوْا فَقُولُوا اشهَدُوا بِأَنَّا مُسلِمُونَ﴾.[3]

«Бигӯ: Эй аҳли китоб! Биёед ба сухане, ки миёни мову шумо яксон аст, ки ҷуз Худои якторо напарастем ва чизеро ҳамтои ӯ қарор надиҳем ва баъзе аз мо, баъзеи дигарро,

---

1 . Сураи Мумтаҳина, ояти 8

2 . Сураи Анкабут, ояти 46

3 . Сураи Оли Имрон, ояти 64

ҷуз Худои якто, ба худоӣ напазирем. Ҳар гоҳ (аз ин даъват) сар боз зананд, бигӯед: Гувоҳ бошед, ки мо мусалмонем!»

Ислом сулҳу оштиро бар асли аввалӣ қарор додааст ва ҳатто ҳамаи аҳли китобро бар меҳварияти танҳо як мавзӯъ, ба иттиҳод даъват кардааст. Барои ҷомеаи мусалмон, асли бародариро ироа медиҳад, ки равобити байни ҷомеаи исломӣ бар асоси ухуввату бародарӣ шакл гирад ва агар аҳёнан, мушкилоте дар равобити ҷомеаи динӣ эҷод шавад, онро бо сулҳ ва бо аз байн бурдани кудуратҳо пайгирӣ намояд.

﴿إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصلِحُوا بَينَ أَخَوَيْكُمْ وَ اتَّقُوا اللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ﴾.[1]

“Мӯъминон бародари якдигаранд, пас миёни бародаронатонро оштӣ андозед ва парҳезгорӣ кунед, бошад, ки бар шумо раҳмат оварад”.

Эҷоди сулҳу оштӣ дар байни инсонҳо, ҷавомеъ, миллатҳо, нишон аз тақво ва тарси худоӣ дорад ва ин аломати афроди ботақвост ва ба хотири ҳамин амалкард, раҳмат ва инояти хосси Худованд насиби ҳолашон мешавад.

Дар сираи Алӣ(р) таъкид ва таслим дар баробари сулҳ мушоҳида мешавад. Амиралмӯъминин ба Молики Аштар менависад:

﴿و لا تدفعَنَّ صلحاً دَعاک إليهِ عدوّک للّهِ فيهِ رضاً﴾.[2]

“Сулҳе, ки ризои Худо дар он аст ва душман туро ба он фаро мехонад, рад накун”

Амирулмӯъминин(р) дар васиятномаи худ, ба Имом Ҳасан ва Имом Ҳусейн барои ҳамаи фарзандон, ҳамаи

1 . Сураи Ҳуҷурот, ояти 10

2 . Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, “Биҳор-ул-анвор”, ҷ.33, саҳ.600

бастагон ва ҳамаи инсонҳое, ки ин васиятнома ба дасташон мерасад, фармудаанд, ки ислоҳ дар миёни мардумро сарлавҳаи зиндагии худ қарор диҳанд.

﴿أوصیکما و جمیع وُلدی و أهلی و مَن بلغه کتابی بتقوی الله و نظم أمرکم و صلاح ذات بینکم﴾.[1]

"Шумо ва ҳамаи фарзандон ва бастагон ва ҳар киро, ки номаам ба ӯ бирсад, ба тақво ва назм ва ислоҳ дар байнатон супориш мекунам".

Усули сегонаи эҷоди сулҳ

Дар ҷомеа фасоду фитна ба хотири адами риояти ҳуқуқи дигарон, адами эҳтиром ба шахсияти дигарон ва адами пазириши ҳаққи зистан барои дигарон ба вуҷуд меояд, агар дар ҷомеае ҳуқуқ ва шахсияти дигарон ва пазириши ҳаққи зистан барои дигарон, мӯҳтарам шумурда шавад, ихтилоф пеш намеояд ва амнияту сулҳи пойдор дар чунин ҷое ба вуҷуд хоҳад омад. Бинобар ин, се поя ва сутуни аслӣ барои барқарории сулҳ аз манзари ислом қобили тасаввур аст.

1 – Риояти ҳуқуқи инсонӣ;

2 – Эҳтиром ба шахсияти дигарон;

3 – Пазириши ҳаққи ҳаёт барои дигарон.

Дар ин мақола саъй мешавад, бар меҳварияти ин се сутун, сухан гуфта, аз калимот ва сираи Амиралмӯъмини Алӣ(р) намунаҳое ироа шавад.

1- Риояти ҳуқуқи инсонӣ

Имом Алӣ (р) дар тӯли умри пурбаракати худ, ин аслро сарлавҳаи зиндагии худ қарор дода буд ва дар тӯли панҷ соли ҳукумати хеш, низ ҳатто ба давлатмардони худ дастури акид додааст, ки ин асл, риоят шавад.

---

[1] «Наҳҷулбалоға", тарҷумаи форсӣ, Файзулислом, номаи 53

Агар дар ҷомеае ба ҳуқуқи молии афрод таҷовуз нашавад, ба ҳуқуқи кишварҳо ва ҳокимиятҳо эҳтиром гузошта шавад, дар он ҷомеа ҷанг рух нахоҳад дод ва чунин ҷомеае ба сӯи адолатмеҳварӣ ҳаракат хоҳад намуд.
Эҳтиром ба ҳуқуқи башар, (ки имрӯз ғарбиён аз он зиёд ҳарф мезананд), аслан яке аз рукнҳои собит ва тағйирнопазири Ислом аст, ки Қуръон онро "каромат" ном ниҳодааст:

﴿وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِي آدَمَ وَحَمَلْنَاهُمْ فِي الْبَرِّ وَالْبَحْرِ وَرَزَقْنَاهُمْ مِنَ الطَّيِّبَاتِ وَفَضَّلْنَاهُمْ عَلَى كَثِيرٍ مِمَّنْ خَلَقْنَا تَفْضِيلاً﴾.[1]

"Мо одамизодро гиромӣ доштем (каромат бахшидем) ва онҳоро дар хушкию дарё, ҳамл кардем ва аз анвои рӯзиҳои покиза, рӯзиашон додем ва онҳоро бар бисёре аз мавҷудоте, ки офаридаем, бартарӣ бахшидем".
Худованд дар ин оят инсонро, ки тоҷи иззату каромат дорад, нисбат ба дигар мавҷудот, бартар муаррифӣ кардааст.
Каромат ва эҳтироми хосси инсон ба далели иртиботи мустақими ӯ бо Худованди Мутаол ва ҳомили рӯҳи илоҳӣ будани ӯст:

﴿فَإِذا سَوَّيْتُهُ وَ نَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي فَقَعُوا لَهُ ساجِدِين﴾.[2]

"Чун офаринишро ба поён бурдам ва аз руҳи Худ дар он дамидам, дар баробари ӯ ба саҷда бияфтед".
Инсон ҳомили рӯҳи илоҳӣ аст ва ба ин далел масҷуди фариштагон қарор гирифт ва ҳама фариштагон ба мақоми бузурги инсон, сари таслиму таъзим фуруд оварда, саҷда карданд ва касе, ки ба инсон эҳтиром нагузошт, аз даргоҳи

---

[1] Сураи Исро, ояти 70
[2] Сураи Ҳиҷр, ояти 29

илоҳӣ дур ва аз мақоми қурби Парвардигор азл шуд:

﴿قالَ أَ رَأَيْتَكَ هذَا الَّذِي كَرَّمْتَ عَلَيَّ لَئِنْ أَخَّرْتَنِ إِلى يَوْمِ الْقِيامَةِ لَأَحْتَنِكَنَّ ذُرِّيَّتَهُ﴾.[1]

"Сипас гуфт: Ба ман бигӯ, ин касеро, ки бар ман бартарӣ додаӣ, (барои чӣ буд?) Агар то рӯзи қиёмат мӯҳлатам диҳӣ, қатъан наслашро, ҷуз андаке, решакан хоҳам кард". Шайтон на танҳо аз амалкарди худ пушаймон нашуд, балки камари ҳимматро бар интиқом аз зуррияи Одам баст ва ҷанги тамонашуданиро рақам зад.

Аввалин поймолкунандаи ҳуқуқи башар, иблис буд. Ӯ нафаҳмид, ки инсон мақоми хилофати илоҳиро дорад.

﴿وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَائِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾.[2]

"Ва чун Парвардигори ту ба фариштагон гуфт: Ман дар замин ҷонишин ва халифае хоҳам гузошт".

Ва ӯ дорои дониши махсуси илоҳӣ хоҳад буд:

﴿وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا﴾؛[3]

"Ва Худованд ҳамаи асмоъро ба Одам омӯхт"

Бояд Одамро иззату эҳтиром кунед, аммо аз беэҳтиромӣ ба мақоми инсонӣ ва поймол кардани ҳуқуқи инсон аз ҷониби шайтон ҷанги бепоён дар байни инсонҳо ва шайтон оғоз шуд.

﴿وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ أَبَى وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ﴾،[4]

"Ва чун фариштагонро фармон додем, ки бар Одам саҷда кунанд, ҳама саҷда карданд, магар шайтон, ки ибо намуд ва такаббур варзид ва аз фирқаи кофирон гардид". Дар байни одамон ва Шайтон ҷанги беохир сар зад. Ин ҷанг, ҷанги ҷисмонӣ ва силоҳ нест, балки як ҷанги нарм ва

---

[1] Сураи Исро, ояти 62
[2] Сураи Бақара, ояти 30
[3] Сураи Бақара, ояти 31
[4] Сураи Бақара, ояти 34

фарҳангӣ аст.

Амиралмӯъминин Алӣ(р) бо ишора ба ин воқеа, саҷда бар Одамро сабаби гиромидошти мақоми инсон медонад:

«وَ اسْتَأْدَى اللهُ سُبْحَانَهُ وَ تَعَالَى الْمَلَائِكَةَ وَدِيعَتَهُ لَدَيْهِمْ وَ عَهْدَ وَصِيَّتِهِ إِلَيْهِمْ فِي الْإِذْعَانِ بِالسُّجُودِ لَهُ وَ الْخُنُوعِ لِتَكْرِمَتِهِ فَقَالَ سُبْحَانَهُ وَ تَعَالَى اسْجُدُوا لِآدَمَ فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ وَ قَبِيلَهُ اعْتَرَتْهُمُ الْحَمِيَّةُ وَ غَلَبَتْ عَلَيْهِمُ الشِّقْوَةُ».[1]

"Худованди Субҳон аз малоика хост, то ончӣ наздашон ба амонат гузошта шуда буд, адо кунанд ва ба он чӣ ба онон тавсия карда буд, фармон дод ва он ин буд, ки имон биёваранд, ба воситаи саҷда бар Одам ва ба воситаи хушуъ ба каромат ва бузургвории ӯ, пас фармуд: Ба Одам саҷда кунед. Дар натиҷа, ҳама саҷда карданд, магар иблис ки ҳамият бар ӯ ориз шуд ва шақоват бар вай ғалаба кард".

Инсон қудрат дорад, ки бо талоши бештар, дар масири саҳеҳ, аз эҳтироми бештаре нисбат ба дигар мавҷудот бархурдор шавад.

﴿يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَأُنْثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوباً وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ إِنَّ اللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ﴾.[2]

"Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо фирқаҳову қабилаҳо қарор додем то якдигаррро бишносед; гиромитарини шумо, назди Худованд ботақвотарини шумост; Худованд донову огоҳ аст".

## 2. Эҳтиром ба шахсияти дигарон

Эҳтиром ба шахсияти дигарон, аз фард гирифта то кишварҳоро аз фитнаву ҷанг нигаҳ медорад ва ҷомеаро ба

---

Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, "Биҳор-ул-анвор", ч.11, саҳ.97

Сураи Ҳуҷурот, ояти 13

сӯи мадинаи фозила раҳнамун мешавад.
Асли эҳтироми инсонҳо дар риояти тақвои илоҳӣ аст, инсон ҳарчанд бештар ба қурби Худованд бирасад, бештар мавриди такрими илоҳӣ қарор мегирад ва то замоне ки дар ҷомеа асли такрими инсон боқист, сулҳу амният ҳам ҳаст. Имом Алӣ(р) дар бораи асли эҳтиром, икром ва ҳифзи шахсияти инсонро дар дасти худи инсон медонанд ва мардумро ба ин ҳақиқат фаро мехонанд ва мефармоянд, бандаи ҳеч кас мабош, зеро Худованд туро озод офаридааст.

﴿لا تكن عبد غيرک وقد جعلک الله حراً﴾.[1]

Ғуломӣ бо кароматӣ инсон дар тазод аст ва набояд ҳатто фикри ғуломӣ дар ҷомеа ҳоким бошад. Эҳтироми инсон, аз ин лиҳоз ки инсон аст, муҳим аст ва дар ҳар ҳол бояд ҳифз шавад:

«خَرَجَ أَمِيرُ الْمُؤْمِنِينَ عليه السلام عَلَى أَصْحَابِهِ وَ هُوَ رَاكِبٌ فَمَشَوْا خَلْفَهُ فَالْتَفَتَ إِلَيْهِمْ فَقَالَ لَكُمْ حَاجَةٌ فَقَالُوا لَا يَا أَمِيرَ الْمُؤْمِنِينَ وَ لَكِنَّا نُحِبُّ أَنْ نَمْشِيَ مَعَكَ فَقَالَ لَهُمُ انْصَرِفُوا فَإِنَّ مَشْيَ الْمَاشِي مَعَ الرَّاكِبِ مَفْسَدَةٌ لِلرَّاكِبِ وَ مَذَلَّةٌ لِلْمَاشِي».[2]

Ҳамроҳӣ кардани пиёда ба дунболи савора, боиси инҳироф ва фасоди савора гашта ва зиллату хории мӯъминро сабаб мешавад, чун ки ҳамаи инсонҳо баробар ҳастанд.
Дар номаи ҳазрат ба Молики Аштар, ба унвони волии Миср, ба ин ҳақиқат таваҷҷӯҳ шудааст:

«وَ لَا تَكُونَنَّ عَلَيْهِمْ سَبُعاً ضَارِياً تَغْتَنِمُ أَكْلَهُمْ فَإِنَّهُمْ صِنْفَانِ إِمَّا أَخٌ لَكَ فِي الدِّينِ وَ إِمَّا نَظِيرٌ لَكَ فِي الْخَلْقِ».[3]

---

«Наҳҷулбалоға», хутбаи 27
“Биҳор-ул-анвор”, ҷ.55, саҳ.41
“Биҳор-ул-анвор”, ҷ.33, саҳ.600

Дар ҳукумати Алӣ ҳамаи инсонҳо дорои эҳтироми мутақобил ва баробар ҳастанд. Дар қаламрави давлати Алӣ, набояд бар касе ситам шавад, ба ҳамин хотир, ҳангоме ки ба ҳазрат хабар медиҳанд, ки ғоратгарони сипоҳи Муовия бар мардум ҳуҷум оварда ва зеваролоти занонро бо хиффату хорӣ аз онон гирифтаанд, бисёр нороҳат шуда, мефармояд:

«لَقَدْ بَلَغَنِي أَنَّهُ كَانَ الرَّجُلُ مِنْ أَهْلِ الشَّامِ يَدْخُلُ عَلَى الْمَرْأَةِ الْمُسْلِمَةِ وَ الْمُعَاهَدَةِ فَيَنْتَزِعُ أَحْجَالَهُمَا وَ رُعُثَهُمَا، ...فَلَوْ أَنَّ امْرَأً مُسْلِماً مَاتَ مِنْ دُونِ هَذَا أَسَفاً، مَا كَانَ عِنْدِي فِيهِ مَلُوماً، بَلْ كَانَ عِنْدِي بِهِ جَدِيراً».[1]

"Ба ман хабар расида, ки яке аз он ғоратгарон, бар зани мусалмон ва зани ғайримусалмоне ворид шуда ва зеваролоти ононро аз тани онон берун оварда ва бурдааст... Агар ба сабаби ин ҳодиса ва нороҳатии ҳосил аз он, мусалмоне бимирад, маломат нахоҳад шуд, балки аз назари ман (аз шиддати нороҳатӣ мурдани як мард, дар ин маврид), кори сазовор аст".

Ин бархӯрд ва ин изҳорот, далели мӯҳтарам шумурдани мақоми инсон, новобаста аз дину мазҳаб ва гароишҳо ҳикоят дорад ва гӯёи ин ҳақиқат аст, ки каромат ва эҳтироми нафс, муодил надорад ва аз ҳама чиз муҳимтар аст.

«وَ أَكْرِمْ نَفْسَكَ عَنْ كُلِّ دَنِيَّةٍ وَ إِنْ سَاقَتْكَ إِلَى رَغْبَةٍ فَإِنَّكَ لَنْ تَعْتَاضَ بِمَا تَبْذُلُ مِنْ نَفْسِكَ عِوَضاً وَ لَا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَ قَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّاً».[2]

"Бузургвортар аз он бош, ки ба ҳар пастӣ тан диҳӣ, ҳарчанд туро ба мақсудат (аз амволи фаровони дунё) бирасонад, зеро ту наметавонӣ дар ивази обрӯ ва

---

Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, "Биҳор-ул-анвор", ҷ.55, саҳ.41
Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, "Биҳор-ул-анвор", ҷ.74, саҳ.226

шахсияти инсонии худ, ки аз даст медиҳӣ, чизе ба даст оварӣ. Ва бандаи ҳеч кас мабош, зеро Худованд туро озод офаридааст”.

Дар ҳукумати адли Мавло Алӣ(р) ҳама эҳсоси амният мекарданд, гарчӣ душманони қасамхӯрдаи ислом се то ҷанг – Ҷанги Ҷамал, Сиффайн ва Наҳравонро бар он ҳазрат таҳмил намуданд. Аммо бархурди Алӣ бо ҳамаи табақоти мардуми ҷомеа, мутобиқи адл будааст. Нусрати ситамдидаҳо ва мустазъафон, шахсияти илоҳӣ ва амалкарди боарзиши Алиро мерасонад. Чунон ки ҳангоме ки ҳазрат бо марди насроние рӯбарӯ шуд, ки аз кор афтода буд ва мардуми ҷомеа ӯро ба ҳоли худ раҳо сохта, бо дидани чунин вазъияте онро таҳаммул нанамуд ва дастур фармуд:

«أَبِي حَمْزَةَ عَنْ رَجُلٍ بَلَغَ بِهِ أَمِيرَ الْمُؤْمِنِينَ عليه السلام قَالَ: مَرَّ شَيْخٌ مَكْفُوفٌ كَبِيرٌ يَسْأَلُ فَقَالَ أَمِيرُ الْمُؤْمِنِينَ عليه السلام مَا هَذَا فَقَالُوا يَا أَمِيرَ الْمُؤْمِنِينَ عليه السلام نَصْرَانِيٌّ قَالَ فَقَالَ أَمِيرُ الْمُؤْمِنِينَ عليه السلام اسْتَعْمَلْتُمُوهُ حَتَّى إِذَا كَبِرَ وَ عَجَزَ مَنَعْتُمُوهُ أَنْفِقُوا عَلَيْهِ مِنْ بَيْتِ الْمَالِ».[1]

Имом ҳангоме ки аз канори он пирамарди аз кор афтода гузашт, ки аз надорӣ талаби кӯмак мекард, фармуд:

Ин чӣ падидаест?! – Нафармуд, ин кист? Яъне ин падидаи нораво чист?!

Гуфтанд: Як марди насронӣ аст.

Фармуд: Ин марди насрониро то тавон ва рамақ дошт, ба кор гумоштед ва инак, ки пиру нотавон гаштааст, раҳояш сохтаед? Бояд ҳазинаи зиндагиашро аз байтулмол таъмин намоед!

Эҳтиром ба шахсияти дигарон, чӣ фард бошад ё

---

[1] Шайх Тӯсӣ, Таҳзиб-ул-аҳком, ҷ.6, саҳ.292

миллат, эҳёкунандаи сулҳу оштист. Агар дар ҷое эҳтироми ҳамнавъон риоят нашавад, оғози ҷангу ҷидол ва фитнаҳост ва маълум нест, ки ба куҷоҳо мерасад ва чӣ бар сари миллатҳо ва кишварҳо хоҳад омад.

3. Пазириши ҳаққи ҳаёт барои дигарон

Пазириши ҳаққи ҳаёт ва зиндагӣ барои дигарон, як ҳаёти мусолиматомезро рақам хоҳад зад ва ҷомеаро ба сӯи такомул раҳнамун хоҳад шуд. Ҳар инсоне ба унвони инсон, аз ин ҳақ бархурдор аст ва ҳеч кас наметавонад ин ҳақро аз ӯ бигирад. Дар ҷомеа, то ин ҳақ мӯҳтарам шумурда ва мардум бархурдор аз ин ҳақ бошанд, мушкиле ба вуҷуд намеояд. Ба иборати содатар то вақте ки ин се асл дар назарҳо мӯҳтарам бошанд, ҷанг сурат нахоҳад гирифт, зеро дар ҷангҳо, ҳурматшиканӣ аст ва асли каромат, эҳтиром ва ҳаққи ҳаёти дигарон, зери по лагадмол мешавад. Дар ҷанг, асл аз байн бурдани душман аст ва навъе ғасби ҳаққи ҳаёт аст ва мақсуд мағлуб сохтан ва аз байн бурдани тарафи муқобил аст, бинобар ин, ҳаққи ҳаётро дар чунин маврид нодида мегирад ва каромати инсонӣ ва ҳуқуқи башар ва эҳтироми онро нодида мегирад. Ҳамин масъала дар мавриди сулҳ дар байни фард бо фарди дигар, як кишвар бо кишвари дигар ва ё як мактаб ва миллат бо дигарон низ мушоҳида мешавад.

Амиралмӯъминин Алӣ(р) ҳамеша тарафдори сулҳ буд.

Дар сира ва калимоти нуронии он имом, ин ҳақ ҳамеша мӯҳтарам шумурда шудааст, ҳатто дар номаи маъруфи хеш ба волии Миср, Молики Аштар таъкиди фаровон бар чунин амре намудааст:

«إِيَّاكَ وَالدِّمَاءَ وَسَفْكَهَابِغَيْرِحِلِّهَا، فَإِنَّهُ لَيْس شَيْءٌ أَدْنَي لِنِقْمَهٍ وَلَاأَعْظَمُ لِتَبِعَهٍ، وَلاأَحْرَي

بِزَوَالِ نِعْمَهٍ، وَانْقِطَاعِ مُدَّهٍ، مِنْ سَفْكِ الدِّمَاءِبِغَيْرِحَقِّهَا».[۱]

“Аз рехтани хуни афрод бипарҳез, зеро ин амал муҷозоти Худоро суръат мебахшад ва хун домани золимро мегирад ва оби хушгувор аз гулӯяш поин нахоҳад рафт. Ва бунёди давлатро бархоҳад канд”.

Дар идома Имом Алӣ ба ин нукта ишора мекунад, ки:

«وَاللهُ مُبْتَدِءُبِالْحُكْمِ بَيْنَ الْعِبَادِفِيْمَا تَسَافَكُوامِنَ الدِّمَاءِ يَوْمَ الْقِيَامَهِ».[۲]

“Худои Субҳон дар рӯзи қиёмат, пеш аз расидагӣ ба аъмоли бандагон, нисбат ба хунҳои ноҳақ рехташуда доварӣ хоҳад намуд”.

Бояд ҳоким аз Худо битарсад ва агар ҳоким худотарс бошад, ҷомеа гулистон хоҳад шуд ва ҳар навъ ноамнӣ дар он ҷомеа дида нахоҳад шуд. Аксари фитнаҳо аз қатли мухолифон, тавассути давлатҳо шурӯъ мешавад ва кулли кишварро дарбар мегирад.

Дар каломи тиллоӣ ва бисёр нобе, хитоб ба Молик мефармояд:

«فَلاتُقَوِّيَنَّ سُلْطَانَكَ بِسَفْكِ دَمٍ حَرَامٍ، فَإِنَّ ذَالِكَ مِمَّايُضْعِفُهُ وَيُوْهِنُهُ بَلْ يُزِيلُهُ وَيَنْقُلُهُ، وَلاعُذْرَلَكَ عِنْدَاللهِ وَلاعِنْدِي فِي قَتْلِ الْعَمْدِ».

Пас бо рехтани хуни ҳаром ва ноҳақ, ҳукумати худро тақвият макун, зеро пояҳои ҳукуматро сусту бебунёд мекунад ва асоси онро барканда ва ба дигарӣ мунтақил месозад ва ту на дар назди ман ва на дар пешгоҳи Парвардигор, узре аз рехтани ноҳақ нахоҳӣ дошт, чаро ки кайфари он қисос аст ва аз он гурезе нест.

Имрӯз зарурат дорад ин каломи гуҳарбори мавлои муттақиён Алиро дар иморатҳои нахуствазирӣ, раёсати

---

Муҳаммадбоқири Маҷлисӣ, “Биҳор-ул-анвор”, ҷ. 33, саҳ.611

“Биҳор-ул-анвор”, ҷ. 33, саҳ.611

ҷумҳурӣ, вузаро ва ғайра, ҳама ҷо ва дар пеши рӯи давлатмардон навишта ва насб шавад, ки давлат бо рехтани хуни ноҳақ пойдор намемонад, балки ин амал завол ва суқути он давлатро суръат мебахшад. Асоси ҳукуматро меларзонад ва боиси аз байн рафтани қудрати ҳоким хоҳад шуд.

Дар ин фарози кӯтоҳ, Амиралмӯъминин Алӣ(р) бо камоли фасоҳату балоғат, доштани ҳаққи ҳаётро барои дигарон муҷассам сохт, ки агар ин ҳақ ба таври расмӣ пазируфта шавад, решаи ҷангро аз байн хоҳад бурд, зеро ҷанг барои ба даст овардани қудрату сарвати бештар аз дигарон аст ва дар ин роҳ ҳеч мулоҳизаеро риоят намекунад ва қудратталабии бештар ва густариши қаламрави ҳукумат, амнияти ҷавомеъро аз байн бурда, фасод ва фитнаҳои торикро ба вуҷуд меоварад.

Ҳаққи ҳаёт барои дигарон як идеяи ноби қуръонӣ аст, ки башариятро ба сӯи ин ҳақиқат мебарад ва наҷоти як инсонро муодили наҷоти ҳамаи инсонҳо ва ҳамин тавр куштан ва аз байн бурдани як инсонро баробари куштани ҳамаи инсонҳо медонад:

«مِنْ أَجْلِ ذلِكَ كَتَبْنا عَلى بَني إِسْرائيلَ أَنَّهُ مَنْ قَتَلَ نَفْساً بِغَيْرِ نَفْسٍ أَوْ فَسادٍ فِي الْأَرْضِ فَكَأَنَّما قَتَلَ النَّاسَ جَميعاً وَ مَنْ أَحْياها فَكَأَنَّما أَحْيَا النَّاسَ جَميعا».[1]

“Аз ин рӯй, бар Банӣ Исроил муқаррар доштем, ки ҳар кас, шахсеро бидуни иртикоби қатли касе ё фасоде дар замин, бикушад, пас гӯё ҳамаи мардумро кушта ва ҳар кас, шахсеро зинда бидорад, пас гӯё ҳамаи мардумро зинда доштааст”.

Аз ин гуна мустанадоти динӣ ба даст меояд, ки

---

Сураи Моида, ояти 32

пазириши ҳаққи ҳаёт барои дигарон, асли қуръонӣ ва дастури дин аст, ки бояд дар ҷомеа риоят шавад то заминасозии сулҳу муҳаббатро эҷод намояд ва аз ҷангу даргириҳои миллӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ ва фирқаӣ парҳез шавад.

Натиҷа

Дар ҳаёти иҷтимоӣ, асл бар сулҳ ва дар канори якдигар зиндагӣ кардан аст ва Қуръони Маҷид ва сираи алавӣ таъкиди фаровон бар ин мавзӯъ дорад ва дар Қуръон ва каломи Амиралмӯъмини Алӣ(р) усули сегона барои эҷоди сулҳ дар байни миллатҳо, кишварҳо, ақвом ва ҷавомеи мухталиф ёфт мешавад, ки бисёр боаҳамият ва сарнавиштсоз ба шумор меояд. Ислом ҳамаи инсонҳоро ба сӯи сулҳу оштӣ даъват мекунад ва ҳатто аҳли китобро танҳо дар баробари як калима, даъват ба ваҳдату инсиҷом мекунад. Ислом ҷангро танҳо дар сурати ҳарҷу марҷ дар ҷомеа ва аз байн рафтани шавкати ислом дар муқобили душманон иҷоза медиҳад, вагарна қатли як нафарро муодили қатли кулли инсонҳо ва наҷоти як шахсро муодили наҷоти ҳамаи башарият медонад.

Манобеъ

Қуръони Карим

Наҳҷулбалоға

Ҷаъфарии Лангрудӣ Муҳаммадҷаъфар, “Терминулужии ҳуқуқ”, Китобхонаи Ганҷи дониш, соли 1367 шамсӣ

Шайхи Тӯсӣ, “Таҳзиб-ул-аҳком”, Интишороти Дор-ул-азвоъ, Бейрут, 1430 қамарӣ

Файзулислом Алинақӣ, “Наҳҷулбалоға”, Теҳрон, Интишороти Бино, соли 1364 шамсӣ

Маҷлисӣ Муҳаммадбоқир, “Биҳор-ул-анвор”, Муассисаи Вафо

Мутаҳҳарӣ Муртазо, “Маҷмӯаи осор”, интишороти Садро.

https://www.leader.ir/fa

https://wiki.ahlolbait.com

/http://tadabbor.org

http://iemt.blogfa.com/post/699

/https://karevansadeghiye.ir

https://zucela.governlearnmultiply.top

http://ensani.ir/fa/article

https://fa.wikipedia.org

http://www.imam-khomeini.ir

http://ensani.ir/fa/article

# فصل هشتم

## مقالات به زبان فرانسه